# ТАҚРИЗ

ба автореферати кори диссертационии Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевич дар мавзӯи «Такмилдиҳии технологияи самараноки захираи намӣ вобаста аз коркарди чуқурии хок дар заминҳои лалмии водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз руи ихтисоси 6D080101 - Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.

Яке аз манбаҳои асосии баланд бардоштани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ин сарфакорона истифодабарии захираҳои ҳамагуна заминҳо, аз он ҷумла заминҳои лалмӣ ба ҳисоб меравад.

Барои рӯёнидани ҳосили баланди зироатҳои кишоварзӣ дар заминҳои лалмӣ захираи намӣ хок ва параметрҳои технологияи парвариши онҳо омили асоси мебошад. Аз сабаби риоя накардани ҷузиётҳои асосии технологияи парвариши зироатҳо (киштгардон, истифодаи тухмҳои ғайрикондитсионӣ, интихоби навъҳои каммаҳсул, коркарди бесифати хок ва ғайра) хоҷагидорон ҳосили хеле паст мерӯёнанд.

Рисолаи пешниҳодгардида махсусан барои ҳалли масъалаҳои такмилдиҳии технологияи самараноки захираи намӣ вобаста аз коркарди чуқурии хок дар заминҳои лалмии водии Ҳисор бахшида шудааст.

Мавзӯи кори диссертатсионии Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевич ба самтҳои таҳқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамандӣ дошта, он ба консепсияҳои сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон №658 аз 31 декабри соли 2008 оид ба рушди таъминоти илмии комплекси агросаноатии мамалакат равона гардидааст, мувофиқ мебошад.

Аз таҳлили автореферати диссертатсияи унвонҷӯ маълум гардид, ки мақсад ва вазифаҳои тадқиқот тибқи барнома ва методологияи гузаронидани корҳои илмӣ тадқиқотӣ иҷро гардидааст.

Унвонҷӯ дар асоси корҳои илмии тадуқиқотии бисёрсола исбот намуда ба истеҳсолот тавсия намудааст, ки барои рӯёнидани 17-18 сентнер мумунг, 22-23 сентнер маъсар ва 10-12 сентнер дони зағир аз як гектари заминҳои лалмӣ технологияи захира намудани намӣ бо роҳи гузаронидани коркарди хок дар чуқурии 30 см дар давраи тирамоҳ амалӣ карда шавад.

Ҳамчун эрод, қайд намуда метавонем:

Ба максад мувофик мешуд, ки унвонҷӯ зарифи (коэффисиент) самаранок истифода бурдани боришотро вобаста аз чукурии коркарди замин муайян намуда, вобастагии ҳосилнокии зироатҳоро аз намии хок ва боришот муаян мекард.

Ин эрод арзиши тадқиқоти гузаронидашударо паст намекунад.

Бинобар ин рисолаи илмии Солиҳов Маҳмадсалим Маҳмадуллоевич дорои ҷабҳаҳои баланд ва арзишноки назариявӣ ва амалии натиҷаҳои ба дастовардашуда, ба талаботи КОАи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз руи ихтисоси 6D080101 - Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ ҷавобгӯ мебошад.

ПӮЛОТОВ ЯРАШ ЭРГАШЕВИЧ – мудири шӯъбаи технологияи инноватсионӣ ва тадқиқотҳои илмию-маърифатии Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисос (06.01.02 – мелиоратсия, барқарорсозӣ ва ҳифзи замин), профессор аз руи ихтисоси 06.01.02. – мелиоратсия, барқарорсозӣ ва ҳифзи замин, аъзои хориҷии Академия илмҳои Русия, профессори фахрии Академияи Оксфорди Британияи Кабир, Арбоби илм ва техникаи Академияи илмҳои табиатшиносии Русия.

Имзои Я.Э. Пулатовро тасдиқ менамоям:
Сардори шӯъбаи кадрҳои Институт Холназарова З.

Суроға: 734025. г.Душанбе, ул. Бофанда 5/2
E-mail: tj_water@mail.ru
Тел: +992 111177556